***УДК 9 (С53)***
***ББК 63.3 (2Т)***

# *МАҚОМИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР СОЛҲОИ 20-30-ЮМИ АСРИ XX*

***Ҷамолов Сӯҳроб Нуриддинович,***
*унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *СОЦИАЛЬНЫЙ И ПОЛИТИЧЕСКИЙ СТАТУС ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В 20-30 ГОДАХ XX ВЕКА*

***Джамолов Сухроб Нуриддинович,***
*соискатель кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# *SOCIAL AND POLITICAL STATUS OF THE TAJIK LANGUAGE IN THE 20-IETH – THE 30-IETH OF THE XX-TH CENTURY*

***Djamolov Sukhrob Nuriddinovich,***
*claimant for Candidate`s scientific degree of the department of the history of the Tajik nation under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *jamolov_s@mail.ru*

***Ключевые слова:*** *таджикский язык, пресса, пантюркизм, Бухарский эмират, младобухарцы, джадиды, Советская Народная Бухарская Республика*

*Целью статьи является показ истории становления литературного таджикского языка в 20-30 годы XX века. На основании архивных данных раскрыта сложная история становления таджикского языка, проанализированы определяющие факторы его развития в Бухарском эмирате, Народной Республике Бухара, Советской Автономной Таджикской Республике в составе Узбекистана и в начале создания самостоятельной Советской Социалистической Республики Таджикистан. Кратко сообщается об общем состоянии таджикского языка в 20-30 годах XX века. Дана характеристика деятельности выдающихся представителей образовательных течений джадидов и младобухарцев: Ахмада Дониша, Кари Рахматуллоха Возеха, Саидходжи Аджзи, Мирзо Сироджа Хакима, Нарзулло Бектоша, Абдулвохида Мунзима, Садриддина Айни, Абдурауфа Фитрата и других. Подчеркнута их роль в создании газет и журналов на таджикском языке. Отмечена незначительная роль таджикского языка в начале 20-х годов XX века, формирование пантюркизма, изменение политического состояния и некоторые другие проблемы, связанные с изменением социальной и политической роли таджикского языка.*

***Key words:*** *Tajik language, press, pan-Turkism, Bukhara emirate, young Bukharians,* ***djadid****s, Soviet People`s Bukharian Republic*

*The author`s objective is to show the history of literary Tajik language formation in the 20-ieth – the 30-ieth of the XX-th century. On the basis of archive data there have been analyzed the determining factors of the formation of the Tajik language and its development in Bukhara emirate, People`s Bukharian Republic, Soviet Autonomous Tajik Republic as a part of Uzbekistan and the Tajik Soviet Socialist Republic at the beginning of its creation. The author gives a brief description in reference to the state of the Tajik language in the 20-ieth – the 30-ieth of the XX-th century. The activities of the outstanding representatives of educational trends among **djadid**s and young Bukharians are presented with the following names: Akhmad Donish, Kari Rakhmatullokh Vozeh, Saidkhodja Adzhzi, Mirzo Sirodge Khakim, Narzullo Bektosh, Abduvokhid Mounzim, Sadriddin Aini, Abdurauf Fitrat and others. Their role in the creation of newspapers and magazines in Tajik is highlighted. The author touches upon such issues as: minor role of the Tajik language in the 20-ieth – the 30-ieth, formation of pan-Turkism, change of political state; some other problems are connected with the change of a political role of the Tajik language.*

Охири асри X1X ва оғози асри XX дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар қаламрави Осиёи Марказӣ низ зуҳуроти мухталифи маънавӣ ва инқилобҳои гуногун рух дода, боиси тағйири вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ гардиданд. Ин дигаргунӣ ба чанд омил вобастагӣ дошт:

Нахуст, Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи императорӣ ишғол гардида, дар фазои муносибатҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ табаддулоти комилан нав ба вуҷуд омад. Аморати Бухоро новобаста ба тобеияти худ аз Русия дар ин кишвар сафоратхона (элчихона) боз намуда, барои содироти ашёи хом, кушодани роҳҳои оҳан, таъсиси бонкҳо ва мубодилаи мол имконият фароҳам овард. Воқеаи мазкурро профессор Н.О.Турсунов чунин маънидод менамояд: «Шикасти Россияи подшоҳӣ дар ҷанги Қрим аз Туркия, Инглистон ва Фаронса дар солҳои 1853-1856 маркази эътибори сиёсати хориҷии ҳукумати Романовҳоро аз Балкан, Шарқи Наздик ба Шарқи Миёна ва Дур, дар навбати аввал ба Осиёи Миёна кӯчонд» (8, с.625).

Дувум, дар заминаи ин навъ муносибатҳо зарурат ва шароити сафар кардану омӯхтани авзои маданиву иқтисодии Русия ва сарзаминҳои дигари Аврупо ба миён омад. Яке аз чеҳраҳои барҷастаи илмиву сиёсии замон Аҳмади Дониш, бевосита ҳамчун намояндаи дипломатии аморати Бухоро пайиҳам ба Петроград (Петербург) (солҳои 1857, 1869 ва 1874), сафар карда, бо авзои сиёсии яке аз кишварҳои абарқудрати Аврупо - Русияи подшоҳӣ, ободиву рифъати иқтисодиёт, шаҳрдорӣ, рушди саноат ва техника ошно шуд.

Равшанфикри тоҷик Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ низ баъди Аҳмади Дониш хотироти сафари яксолаи (1886-1887) худро аз кишварҳои Туркия, Эрон, Ироқ, Арабистони Саудӣ ба сурати китоби алоҳида таълиф кард, ки он «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик» ё «Ғароиб-ул-хабар фӣ аҷоиб-ис-сафар» унвон дошта, нависанда авзои иқтисодиву иҷтимоии шаҳру давлатҳоро ташреҳ медиҳад. Шоир, тарҷумон ва ходими сиёсии вақт Сайид Аҳмадхоҷаи Аҷзӣ дар роҳи ҳаҷ аз комёбиҳои илмиву техникии Туркияву Миср, Қафқоз, Русияву Украина огоҳ гардид.

Мирзо Сироҷуддин дар тӯли сафараш, ки аз 5 июни соли 1902 то моҳи январи соли 1903 идома ёфт, ба дидани мамлакатҳои Олмон, Фаронса, Англия, Австрия, Швейтсария, Туркия, Эрон, Афғонистон ва дигар сарзаминҳо мушарраф гардида буд.

Ӯ дар сафарномаи «Туҳафи аҳли Бухоро» аҳволи раият, кишвардориву шаҳрдорӣ, вусъати ободиву пешрафти тиҷорат, илму маънавияти ҳар минтақаро тасвир мекунад.

Севум, ба сабаби воруди рӯзномаву маҷаллоти русиву туркӣ, арабиву форсӣ, чун «Сироҷ-ул-ахбор», «Сироҷ-ул-атфол», «Иршод-ун-нисвон», «Амон-ул-ахбор», «Ислоҳ», «Ойинаи ирфони иттиҳод», «Бедорӣ ва иттифоқи ислом», «Анис», «Ҳабл-ул-матин», «Чеҳранамо», «Парвариш», «Тарҷумон», «Мулло Насриддин», «Вақт», «Миръоти ибрат», ки як бахши аъзами ин ҷаридаҳо дар Мисру Ҳиндустон ва Эрону шаҳрҳои мусалмонии Русияи подшоҳӣ ба табъ мерасиданд, бедории фикрӣ рух дод.

Ҳамзамон дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ба эҳтимоми равшанфикрони тоторӯ ҳозарӣ, амсоли Исмоили Ғаспарӣ, Мирзоҷалол Юсуфзода ва ҷавонбухороиён, чун Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Сиддиқхоҷаи Аҷзӣ, Ҳоҷӣ Муин, Мирзо Сироҷ, Мунавварқорӣ Абдурашидхонов, Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ рӯзномаву маҷаллаҳои «Бухорои Шариф», «Самарқанд», «Ойина» ва ғайра таъсис ёфт. Ин омил низ боиси таҷдиди таъриху фарҳанг ва забону адабиёти тоҷик гардида буд.

Бино ба навиштаи профессор Н.О.Турсунов Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ дар мақолаи «Ду забон не, чор забон лозим» (маҷаллаи «Ойина», №1. –С.12-14.) «забони тоҷикии форсиро забони мадраса ва адибон, забони якчанд шаҳрҳо ва деҳаҳои вилоятҳои Самарқанду Фарғонаи Туркистон номид. Вай зарурати аз худ намудани забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ ва форсиро таъкид кардааст» (8, с. 679). Ҳарчанд тибқи ин иқтибос Беҳбудӣ дидаву дониста ҷуғрофияи мавҷудияти забони тоҷикиро дар ин мақола танг мекунад, вале фикрҳои пешрав низ дар он ба назар мерасад.

Чорум, ташкили мактабҳои усули нав, ки бунёдгузори нахустин дабистон Абдуқодири Шакурӣ (1875-1943) буда, онро соли 1903 дар шаҳри Самарқанд таъсис додааст. Моҳи октябри соли 1908 адиб ва ходими сиёсиву ҷамъиятӣ Абдулвоҳиди Мунзим (1872-1934) дар Бухоро ин навъ мактаб созмон медиҳад. Таъсис ва фаъолияти мактабҳои усули ҷадидро ҳукуматдорони замон намехостанд ва барои мавҷудияти онҳо монеаҳои зиёд амал мекард. Бо ин ҳама, ин наҳзати фарҳангӣ барои ба ҷараёни бедории мардуми пешрафтаи ҷаҳон пайвастани тоҷикон нақши муассир гузошт.

Панҷум, падидаҳои сиёсиест, ки дар заминаи муборизаҳои дохиливу берунии Аморати Бухоро, тағйири низоми ҳукмронӣ, ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ, тақсимоти миллӣ - ҳудудии Осиёи Миёна сар задааст.

Бояд таъкид намуд, ки бо вуҷуди таъсири зиёди панҷ омили зикргардида талоши равшанфикрони тоҷик дар мавриди эҳёи забону фарҳанги тоҷикон дар аморати Бухоро бенатиҷа анҷомид. Ҳарчанд аввали моҳи сентябри соли 1920 баъди нашри нахустин манифести Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ, Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро таъсис ёфта бошад ҳам, пантуркистон монеи мавҷудияти забони тоҷикӣ гардиданд. Мутаассифона, пантуркистон асосан тоҷиконе мисли Фитрат ва Усмонхоҷа ҷадидоне буданд, ки баъди таҳсил дар Туркия ин ғояи бегонаро тарғиб менамуданд. Таассуфовар он аст, ки ба ин гурӯҳ ҷавонони равшанфикр, амсоли Нарзуллои Бектош, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Ҳоҷӣ Мӯин, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва дигарон шомил буданд.

Бино ба таъкиди устод Садриддин Айнӣ онҳо (пантуркистон – С.Ҷ.) на танҳо дар байни худ, балки ба мардуми шаҳри Бухоро ҳам, ки бештарини онҳо забони ӯзбакиро намедонистанд, ба забони туркии усмонӣ гуфтугӯ мекарданд. Пантуркистони Бухороро яке аз фарзандони сарватманди ин ҷо Файзулло Хоҷаев, ки баъдтар Раиси

Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро таъин шуд, роҳбарӣ мекард. Ташвиқоти ин қабил ҷавонони раҳгумзада даъвоҳои бисёр вазнин дошт, ки аз ҷумла онҳо даъво доштанд, ки тоҷикон дар асл «ҳамон ӯзбеконанд, ки бо таъсири эрониён ва мадраса забони худро гум кардаанд» (2, с. 29).

Аз ахбори «Таърихи инқилоби Бухоро» бармеояд, ки 28-уми зилқаъдаи соли 1328 дар Бухоро тариқи пинҳонӣ Ҷамъияти «Тарбияти атфол» таъсис меёбад ва бо маблағгузориву сарпарастии он то соли 1914 30 нафар ҷавонони соҳибфазли Бухоро ба Истанбул барои таълим фиристода мешаванд. Ин ҷамъият беҳтарину пешравтарин ҷавонони Бухороро ба худ ҷалб намуда, аз рӯи ойинномаи хуфя амал мекунад. Дар баробари дахолат ба корҳои сиёсӣ, ҷамъият ба масъалаи маориф аҳамияти зиёд медиҳад (1, 97-101).

Аз ин хотир, ҳамчунон ки таърихнигор Н.Ҳотамов менависад, баъди ташкили ҷумҳурӣ дар мактабҳои шӯравӣ таҳсил ба забони туркӣ ва дар мактабҳои усули кӯҳна бо забони тоҷикӣ сурат мегирифт. Аз шумораи умумӣ 12 ҳазор талаба дар мактабҳои усули кӯҳна таҳсил менамуд, ки ин миқдор ҳамагӣ 6,6 %-ро ташкил мекард (9, с. 293).

Маълум мегардад, ки пантуркистон баъди ташкили ҷумҳурии алоҳидаи шӯравӣ ҳамоно ғояву мақсадҳои худро тарғиб намуда, садди ҷараёни рушди забони модарии худ мешуданд. Ба забони туркӣ таълим додан дар мактабҳои шӯравӣ ва ба забони мактабу мадрасаҳо табдил додани забони тоҷикӣ боиси аз поён рафтани тадриҷии тоҷикон дар Бухорову музофоти атрофи он гардидааст.

Ин ҷавонон фиребхӯрдаи бунёдгузори ҷараёни пантуркизм, файласуф ва ҷомеашинос Зиё Гёкалп буданд, ки бино ба маълумоти академик Раҳим Масов қаламрави сукунати турконро на Туркияву Туркистон, балки Тӯрон – сарзамини бузургу ҷовидонӣ медонист (матни электронии китоби академик Р.Масов «Таджики: Вытеснение и ассимиляция» дар шакли PDF).

Ҳамзамон бошқирду тоторҳои ба Бухоро роҳёфта, чун Аҳмад Закӣ Валиди Тоған, ки номи аслияш Аҳмад Закинвич Валидов буда, баъди муҳоҷират дар Туркия унвони мазкурро соҳиб шуд, инчунин Исмоил Ғаспари ва Юсуф Оқчур ин ҷараёнро тезониданд. Гумоштагони ҷараёни пантуркистии Туркия Анварпошшо ва Салимпошшо бо даъвои истиқбол аз сиёсати сотсиалистии асосгузории давлати шӯравӣ В.И.Ленин ба Осиёи Марказӣ омада, ҷараёни босмачигариро тавсеа бахшиданд. Маҳз ҳузури онҳо дар ин минтақа боиси рух додани ҷанги шаҳрвандӣ шуд, ки садҳо шаҳру деҳот харобу валангор ва ҳазорон одамон куштаву маҷрӯҳ гардиданд. Ихтилофи андеша миёни тарафдорони сохти наву кӯҳна заминаи душманиву кинтузиро дар маҳалҳо, ҳатто дар хонадонҳо ба вуҷуд овард. Дар ин фурсат ду воқеаи таърихӣ мӯҷиби аз равнақ бозмондани забони адабии тоҷикӣ ва инкишофи раванди иҷтимоии он гардид:

1. Зиёиёне, ки аслан тоҷик буданд, ба забону миллати худ хиёнати ошкор карданд ва сокинони воҳидҳои маъмурии тоҷикнишин аз арзишҳову шароити таърихии забону миллати худ дур афтоданд.

2. Дар садри Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Бухоро пантуркистон қарор гирифта, дар муддати чор соли ҳукумат тамоми низоми маорифу фарҳанг ва маънавиётро барои тақвияту интишори манфиатҳои фардиву гурӯҳии худ истифода намуданд.

Ин омилҳо боис шуд, ки дар сароғози пош хӯрдани аморати Манғитиҳо ва ташкили ҷумҳурии навсохтор масъалаи пуштибонӣ, ҳимоят ва тараққии забони адабии тоҷикӣ аз ҳоли равнақ боз монд.

Аз ин хотир, бесабаб нест, ки пас аз тақсимоти миллӣ - ҳудудӣ дар Осиёи Марказӣ сохтору ҳайати нави ҳукумат масъалаи миллатҳову забонҳоро дубора ба муомилоти иҷтимоиву маънавӣ ворид кард. Баробар ба тарғиби ҷамъоварии осори шифоҳӣ, аносири луғавии лаҳҷаву шеваҳо, мардумшиносӣ, тадқиқи забони адабии тоҷикӣ мавзӯи марказии рӯзномаю маҷаллаҳо гардид.

Талош барои шинохти дубораи асолати миллӣ, баланд бардоштани мақоми забони тоҷикӣ, омӯзиши шеваю лаҳҷаҳои шаҳру манотиқи тоҷикнишин, мубоҳисот дар атрофи забони адабиву гуфтугӯӣ дертар шурӯъ гардид.

Академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ сароғози баҳсҳои илмии вобаста ба забонро бо таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1924 пайванд дода, замони оғози таълифи мақолоту баргузории анҷуманҳоро соли 1926 ба шумор меоварад (6, с. 4-5).

Ин даъворо мӯҳтавои маҷмӯаи «Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо» собит менамояд, зеро мусаннифону мураттибон дар ин китоб мақолаҳои солҳои 1926-1930-ро гирд овардаанд. Ин навъи ҷамъ овардани мақолаҳо ба масоили меҳварии мавзӯоти умумӣ ва то ҷое ягонаи онҳо иртиботи амиқ дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки баҳси забони тоҷикӣ ҳанӯз дар замони мавҷудияти низоми ҳукмронии аморат дар Бухоро ба василаи рӯзномаву маҷаллаҳои маҳалливу минтақавӣ ва хориҷӣ сурат мегирифт. Ин масъала дар баробари мавзӯоти марказии матбуоти ибтидои садаи XX, чун мушкилоту мавонеи маориф, кори дину диёнат, умури сиёсиву иҷтимоӣ, шарҳи иқтисоду тиҷорат мавқеъ дошт. Бо ин ҳама, «беэътиборӣ» нисбати забон дар он айём як амри воқеӣ буд, чунки ба забону миллат бештари зиёиёну равшанфикрон на ҳамчун масъалаи этникиву қавмӣ, балки чун муаммои мазҳабӣ муносибат мекарданд. Вале чун кори пантуркистон дар қаламрави аморати Бухоро равнақ ёфт, масъалаи забон аҳамияти этникияшро афзун кард. Пантуркистон, ҳамчунонки академикон Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳим Масов, профессорон Намоз Ҳотамов, Маъруфи Раҷабӣ, муҳаққиқони дигар, амсоли Абдулхолиқи Набавӣ, Субҳони Аъзамзод, Нӯъмонҷон Ғаффоров ёдрас мешаванд, мавзӯи забонро ба муаммои аслии қавми турк таблил дода, барои густариши он зери ливои давлати бузурги ормонии «Тӯрон» тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ доданд. Баробари ташкили ҷамъиятҳои пӯшидаи динӣ анҷумани «Чағатой гурунги» созмон дода, бо истифода аз нуфузи мазҳаби аҳли суннат ва паст задани мақоми мазҳаби шиа забони туркиро интишори бештар доданд. Тоҷиконро ба эрониҳо, ки як қисми умдаи сокинони шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва атрофи он ба шумор меомаданд, ҳаммазҳаб талқин карда, бо эҳёи нафрати мазҳабӣ латмаҳои сахт ба пойдевори забони тоҷикӣ заданд.

Чунон ки академик Муҳаммадҷон Шакурӣ менависад, ки баробари олимони тоҷик бархе аз муҳаққиқони рус низ дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик (Самарқанд), «Бедории тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» (Душанбе), «Раҳбари дониш» (Тошканд) мақолаҳои зиёде ба табъ расониданд (6, с. 6).

Ҳокимияти шӯравӣ дарёфт, ки чараёнҳои роиҷи диниву сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ, мисли пантуркизму панисломизм ва панэронизм барои вусъати сиёсати шӯроҳо ва

болшевизм хатари зиёд дорад. Ин гумонро ҳаракати аксулинқилобии босмачиён ва ҷангу муборизаҳои ошкорои пантуркистон, ки дар зери таъсири бевоситаи давлатҳои Туркия ва Англия қарор гирифтанд, ошкортару возеҳтар сохт. Таъқиби пантуркистон ва муборизаи мусаллаҳона бо босмачиён чанде аз равшанфикрони тоҷики хиёнаткардаро, амсоли Фитрату Бектош ва зиёиёни фиребхӯрдаеро, чун Абдулқодир Муҳиддинову Абдулвоҳиди Мунзим (Бурҳонов) водор сохт, ки аз роҳи хеш баргарданд. Баъзе аз собиқ пантуркистон, чун Нарзуллои Бектош, Абдулқодир Муҳиддинов расман аз миллати тоҷик барои гуноҳҳои нобахшидании хеш узр хостанд (7, с. 31-32).

Бояд дар ин маврид ду нуктаро ёдрас шуд, ки маҳз ба сабаби гароиши зиёиёни ҷавони тоҷик, ки як гурӯҳи асосиашон таҳсилдидагони Истанбулу Боку буданд, дар тақсимоти миллӣ – ҳудудӣ сарзамини тоҷикон бамаротиб ихтисор шуд, шаҳрҳои таърихӣ ба марзҳои Ӯзбекистон шомил гардиданд. Ба болои ин, масъалаи тағйир додани алифбо ҳамчун идомаи тақвияти сохтмони маданият дар давраи нав мӯҷиби буридани наслҳо аз решаи аслии забону фарҳанг шуда монд. Бо ин ҳама, барои муттаҳид гардидани ин гуна шахсиятҳо масъалаи гузаштан аз алифбои форсии арабиасос ба хатти лотинӣ боис шуд.

Амри воқеист, ки ҳеҷ як забон бидуни хат – василаи ифодаи фикр, ҷойгоҳи баланде надорад. Дар ҳама давру замон хат унсури асосии забон ва миллат шинохта шудааст.

Аз ин дидгоҳ, баҳси гузаштан ба алифбои лотинӣ, ки иҷборан сурат гирифт, равшанфикрону забоншиносон ва донандагони хуби адабиёту таърихро сари масъалаи сохтани алифбо ҷамъ овард. Агарчи олимону муҳаққиқон дар оғоз муқобили гузаштан ба алифбои бегона буданд, вале аз сабаби он ки масъалаи тағйири хат хусусияти умумииттифоқӣ дошту сарварони баландмақоми Ҳокимияти шӯравӣ В.И.Ленин ва Комиссариати маориф А.В.Луначарский муҳаррикони ин дигаргунӣ буданд, дар радду қабули оҷилии он оҷиз монданд. Низоми сиёсии ҳукмрон мақсад дошт, ки забони русиро низ ба лотинӣ иваз намояд. Дар баробари ин В.И.Ленин таъкид карда буд, ки дар масъалаи табдили алифбо дар қаламрави Ҳокимияти шӯравӣ ба саросемагӣ роҳ надиҳанд. Шояд В.И.Ленин дар соли 1924 вафот намекард, ин масъала ранги дигар мегирифт. Аз ин хотир, соли 1929 дар ин хусус комиссияи ҷудогона таъсис ёфт.

Бино ба навиштаи Абдухолиқи Набавӣ «дар рӯзномаҳои «Учительская газета» ва «Литературная газета» таҳти унвони «Алифбои байналмилалӣ» мақолаҳо ба табъ расида, шӯрои олии илмӣ бо сарварии профессор Яковлев корҳои тайёрӣ сар карда буд, вале он, шояд бо назардошти мулоҳизаҳои Ленин, аз ин марҳала боло нарафт. Аммо кор нисбат ба аҳли алифбои арабиасос ранги дигар гирифт» (6, с. 14).

Барои пешбурди ин раванд дар назди Президиуми шӯрои миллии Комитети иҷроияи марказии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ маркази илмие бо номи Кумитаи марказии умумииттифоқии алифбои нав (ВЦКНА) ташкил гардид. Ҳамин гуна, соли 1922 туркони озарӣ дар пайравии давлати Туркия, ки бо кӯшишҳои Мустафопошшо алифбои туркон ба лотинӣ иваз гардид, ба ислоҳи алифбо шурӯъ карданд. Ниҳоят моҳи феврали соли 1926 дар ҷаласаи умумитуркии «туркшиносӣ» расман ва қатъан гузаштан ба алифбои лотиниро эълон доштанд. Дар татбиқи ин

навъ сиёсати замон сарвару саркардаҳои мардуми Озарбойҷон Самард Оғомуалӣ – уғлӣ саъйю талоши зиёд ба харҷ дод.

Соли 1926, бо сабаби он ки Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Ӯзбекистон қарор дошт, алифбои лотинӣ ба расмият даромад. Ин мавзӯъ ба масъалаи сиёсиву давлатӣ табдил ёфта, Анҷумани якуми шӯроҳои Тоҷикистон дар заминаи маърӯзаи Аббос Алиев дар бораи қабули алифбои нав қарор кард. Ин қарор дар нахустин Анҷумани муаллимони Тоҷикистон дастгирӣ ёфт.

Баъди гузашти як фурсати муайян 17-уми сентябри соли 1927 Комиҷроияи марказии Тоҷикистон таҳти рақами 35 қарори алоҳидаеро дар бораи қабул ва татбиқи алифбои лотинӣ қабул менамояд.

Маълумоти боло собит месозад, ки ҳарчанд қарор дар Анҷумани якуми шӯроҳои Тоҷикистон оид ба қабули алифбо тасдиқ ва имзо шуда бошад, вале бо сабабҳои гуногун сохтани алифбои мутобиқ ба расмулхати арабиасос ва татбиқи он ба таъхир гузошта мешавад. Ин маънои онро дошт, ки зиёиёну пешравони миллат, ки аз кардаҳои хеш, яъне гароиш ба пантуркизм пушаймон шуда буданд, намехостанд, ки ба гузашта бори дигар хиёнат намоянд.

Аз тарафи дигар, бетарафию қафокашии онҳо дар назди ҳукуматдорони замон маънии дурӣ ҷустан ва истиқбол накардани сиёсати мадании навро дошт. Дар ин миён, Абдурруафи Фитрат, Нарзуллои Бектош, Абдулқодир Муҳиддинов, Абдулвоҳиди Мунзим ва чанде дигар ба ин мавзӯъ якбора рӯ оварданд. Дар канори баҳси алифбо баҳсҳои дигаре, чун нолозим будани адабиёти классикӣ ва кӯҳна будани равишҳои шоириву суханварӣ ба миён омаданд.

Худсафедкунии шахсиятҳои адабиву сиёсии ёдшуда, бахусус Нарзуллои Бектош ва Абдулқодир Муҳиддинов дар бештари мақолоту тақризҳо ва ҷавобияашон ба китобиёти дигар нависандагону рӯзноманигорон дида мешавад. Абдулқодир Муҳиддинов худ ва ҳаммаслакони худро дар мақолааш «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё ӯзбак?» дар бисёр корҳо, аз ҷумла таъсиси Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро, паси воқеаҳои июл-сентябри соли 1920 гунаҳкор медонад: «Дар замони ибтидои ташкили (Ҷумҳурияти) Бухоро се гурӯҳ ашхос дар сари кор буданд:

1. Туркҳои асири ҷанги умумӣ.
2. Ӯзбакҳои Фарғона ва Тошканд, ки қисми куллии онҳо ҳамфикр ва ҳаммаслаки ҷадидҳои Бухоро буданд.
3. Мо, ҷадидони Бухоро, ки давраи тарбия ва инкишофи фикрии ибтидоии худро дар доираи инкишофи фикри панисломизм ва пантуркизм дар Осиёи Миёна гирифтем ва дер замоне дар таҳти таъсири куллии мафкураи пантуркистӣ ва панисломизм будем» (4, с. 64).

Дар зери ҳамин руҳия Фитрату Мунзим ва Бектошу дигарон ба шарҳу тавзеҳи масъалаҳои забони адабиву алифбо пардохтанд. Дар натиҷа аз солҳои 1927-1928 ба баъд Фитрат, Лоҳутӣ, Маннофзода, Раҳим Ҳошим, Нисор Муҳаммад, профессорон Семёнов, Фрейман, Мунзим, Бектош, Бурҳониддин Икромӣ, Обид Исматӣ ва дигар олимон ба таҳияи тарҳи алифбои нав пардохтанд.

Дар масъалаи табдили алифбо соли 1927 кумитаи махсусе созмон ёфта буд, ки Кумитаи марказии алифбои нави тоҷик (КМ АНТ) ном дошт, 20 нафар ва тибқи иттилооти дигаре 27 нафар аъзо дошт. Дар моҳи май дар шаҳри Самарқанд роҷеъ ба ин масъала маҷлиси машваратӣ даъват ва ба муҳокимаи аҳли ширкат ду лоиҳаи

алифбои нав -лоиҳаи профессорон Абдурауфи Фитрат ва А.А.Семёнов пешниҳод гардид.

Ҷаласаи мазкур бо каме ислоҳ лоиҳаи профессор Абдурауфи Фитратро пазируфт.

Бо назардошти бегона будани алифбои лотинӣ ва дар фурсати кӯтоҳ сурат гирифтани қабули лоиҳа он аз нуқсонҳо орӣ набуд. Бинобар ин тамоми ҷанбаҳо ва нозукиҳои ин масъалаи муҳимро дар бар намегирифт.

Аз ин рӯ, дар ин замина дар матбуоти давр мубоҳиса ва мунозираҳои гарм ва танқиду тақризи ин лоиҳа оғоз гардид. Ба хотири хотима додани ҷараёни мунозирот дар мавриди алифбои нав ва ба маҷрои илмӣ даровардани он Комиссариати маорифи Тоҷикистон 28 –уми октябри соли 1928 дар шаҳри Тошканд Анҷумани якуми Алифбои нави тоҷикиро барпо намуд. Бино ба аҳамияти мавзӯъ дар анҷуман илова бар шахсиятҳои маъруфи фарҳангии тоҷикон, чун устод Айнӣ ва чанде аз профессорони рус аз ҷониби Бюрои сиёсии Осиёимиёнагӣ, намояндаи Комиссариати дохилӣ Нисор Муҳаммад, раиси шӯрои илмии Комиссариати маорифи Ӯзбакистон Ҳошимов иштирок намуданд. Илова бар масъалаҳои рӯзнома – қабули алифбои нави тоҷикӣ ва имлои он дар ин анҷуман низ ду лоиҳаи алифбои нав, яке лоиҳаи профессор А.А. Фрейман ва дувумӣ ҳамон лоиҳаи такмил ва ислоҳшудаи профессор А.Фитрат мавриди муҳокима қарор гирифт. Пас аз баҳсу мунозираҳо ва ҷанҷоли зиёде бо илова кардани баъзе бахшҳои профессор А.А.Фрейман боз ҳамон лоиҳаи профессор А.Фитрат пазируфта шуд ва раванди лотинонидан дар Тоҷикистон оғоз гардид.

Шиорҳои ҷараёни табдили алифбо хеле рӯҳияву оҳанги замонаро ифода мекарданд: «бар зидди душманони алифбои нав», «бар зидди алифбои хурофотпаҳнкунандаи арабӣ», «оташ ба решаи алифбои арабӣ» ва… «кампания»-и васеи таблиғотӣ ба хотири ҷорӣ кардани алифбои инқилобии нави тоҷикӣ, «алифбои нави сотсиалистӣ» ба роҳ андохта шуд.

Мавзӯи гузаштан ба алифбои нави лотинӣ бо ин ба поён нарасид ва чанд маротибаи дигар дар маҷлису анҷуманҳои мӯътабари илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва ба он баъзе тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Аз ҷумла, дар Пленуми якуми алифбои нави тоҷикӣ, ки 15-уми ноябри соли 1929 дар шаҳри Сталинобод ва «Кенгош»-и илмии тоҷикони Ӯзбакистон – 10-15-уми феврали соли 1930 дар Тошканд баргузор шуд, ин мавзӯъ масъалаи марказии мубоҳисот буд.

Саранҷом пас аз баҳсу мунозираҳои бисёр дар анҷумани конфронсҳо ва «кенгош»-у маҷлисҳои машваратӣ дар атрофи алифбои лотинӣ ва зарурати гузаштан ба он 22-юми моҳи августи соли 1930 дар шаҳри Сталинобод Анҷумани нахустини илмӣ – забоншиносии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он фикру андешаҳо, пешниҳоду назариёти то ин замон аз ҷониби забоншиносону зиёиёни тоҷик ва мутахассисони рус баёншуда ба инобат гирифта, қоидаҳои муваққатии имло такмил ва ислоҳ ёфта ва алифбои нав то ҷои имкон ба қонуну қоидаи савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ сохта, барои омӯзиши ҳамагон пешкаш гардид.

Мавзӯи дигари доманадор дар ин солҳо муайян кардани меъёрҳои асосии забони адабии тоҷикӣ ба шумор мерафт. Шояд суоле пайдо шавад, ки то ин дам, яъне охири солҳои 20-ум ва оғози солҳои 30-юми асри XX мардум забони адабиву китобатӣ надоштанд? Албатта, забони тоҷикӣ побарҷо буд, шоирону нависандагон бо ин забон асар эҷод мекарданд, вале мушкилӣ дар ин самт қарор дошт:

1. Воқеан, бар асари истиқболи гарм аз шеваи назму насри Бедил, сабки ҳиндӣ ва зери таъсири ҷумалоту таркиботи арабӣ мондани адабиёти тоҷик фаҳми тамоми нуктаҳои суханварон барои авом душвор буд.

2. Забони туркӣ ба василаи кӯшишҳои пайвастаи ҷадидону пантуркистон фазои матбуот ва забони расмиву идории аморати Бухоро ва чанд сол баъд Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухороро фаро гирифта буд.

Аз ин рӯ, барои ба таври дилхоҳ баромадан аз ин ду «мушкилӣ» зарурати сода кардани забони адабии тоҷикӣ пеш омад. Дар заминаи шеваҳои бузурги забони адабии тоҷикӣ бунёд ниҳодани меъёрҳои забони расмии мактабу маориф, матбуоту адабиёт ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мавзӯи гарми мубоҳисоти Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Абдурраufи Фитрат, Нарзуллои Бектош ва дигар равшанфикрони тоҷик гардида, дар ин баррасиҳо олимони рус Е.Э.Бертелс, О.Сухарева, А.Семенов, С.Дяков ва дигарон ҳамроҳ шуданд.

Ин ҷараёнро нашри мақолоте, ки ошкоро мавқеи милливу худшиносии таърихии равшанфикрони ҷавону миёнсолро муайян месохт, вусъат бахшид.

Дар ин бобат муҳаққиқи варзида Абдулхолиқи Набавӣ меоварад: «Маҳз дар ҳамин давра буд, ки навиштаҳои фошкунандаи А.Муҳиддинов, А.Алиев, Муъминхоҷа, М.Раҳимӣ ва бисёр дигарон оид ба беадолатии тақсимоти миллӣ ва душманони забону миллати тоҷик ба табъ расид ва барои чун ҷумҳурии мустақил эътироф шудани Тоҷикистон мубориза пуршиддат ҷараён гирифт. Зиёда аз он, ин раванди баҳсҳои забоншиносӣ тоҷикони Ӯзбакистонро ба талош барои ҳуқуқашон оид ба забон ва мактаби миллӣ такон дод…» (7, с. 24).

Мавриди зикр аст, ки маҷмӯи навиштаҳои ин шахсиятҳои сиёсиву илмӣ дар ду ҷилди китоби «Дарси хештаншиносӣ» ғунҷоиш ёфтааст (4, с. 5).

Чизи ҷолиб дар ин баҳсҳо оид ба тарҳрезии забони адабӣ тамоюли равшанфикрон ба ду самт – истиқболи наву идома бахшидани забони адабиёти классикиву забони умумифорсӣ, забоне, ки кулли форсигӯёни олам бо он такаллум менамоянд ва забони содаи авоми тоҷик дар асоси яке аз лаҳҷа ё шеваҳои машҳур нигаронида шуда буд. Азбаски масъалаи демократӣ кардани забон дар замони ҳокимияти шӯравӣ масъалаи меҳварӣ буд, зарурати сода кардани забон дар асоси шеваҳои марказӣ қабул гардид.

Мавриди зикр аст, ки ин масъала дар рисолаҳои арзишманди профессор Т.Ваҳҳобов «Ҷанбаҳои сотсиолингвистии рушди забони тоҷикии адабӣ» (солҳои 20-30 асри XX) аз тадқиқи пурдомана бархурдор аст. Боби нахустини китоби аввали ин тадқиқот «Сиёсати ленинии баробарҳуқуқии забонҳои миллӣ» унвон дошта, масоили калидии забони давлатӣ дар оғози ҳокимияти шӯравӣ ҳаллу фасл гардидааст. Амали ночиз ва зараровар будани ҷорӣ кардани забони давлатӣ дар ҷумҳуриҳои алоҳидаи шӯравӣ нуқтаи олӣ дар фармудаҳои В.И.Ленин оид ба ин масъала аст (3, с. 6-25).

Бояд ёдовар шуд, ки ба баррасии забони адабии тоҷикӣ роҳбарони сиёсии Тоҷикистони онвақта Нусратулло Махсум (Лутфуллоев), Абдулқодир Муҳиддинов, шарқшиносони рус, адибону рӯзноманигорони тоҷик, муаллимон ва ҳатто хонандагони одӣ сару кор мегирифтанд. Дар саҳифаҳои матбуоти замон натиҷаи мабоҳиси маҷлисҳо ба нашр мерасиданд, тадқиқоту китобҳои илмӣ рӯи коғаз меомаданд. Танҳо дар муддати ҳафт моҳи соли 1930 ду маҷлиси илмӣ ва як комиссияи тайёрӣ ба Анҷумани забоншиносон фаъолият намуд.

Дар таҳлилу тавзеҳи масоили вобаста ба забони адабӣ аз ҳама бештар мақолаҳои адибону муҳаққиқон Раҳим Ҳошим, Нарзуллои Бектош ва Тӯрақул Зеҳнӣ ба табъ расидаанд.

Ба ин тартиб, маҷлиси машваратии (кенгош)-и илмии тоҷикони Ӯзбекистон 10-14-уми феврали соли 1930 дар Самарқанд баргузор гардид. Пас аз чанде комиссияи тайёрӣ ба анҷумани илмии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷаббор (раис, роҳбари нашриёти давлатӣ), Китис (котиб), Семёнов, Бектош, С.Дяков аз 7 то 10-уми июли соли 1930 дар Сталинобод фаъолият намуда, маводи омодагӣ ба Анҷумани забоншиносиро тайёр кард. Анҷумани нахустини илмии забоншиносони Тоҷикистон аз 23 то 28-уми августи соли 1930 давом ёфта, масъалаҳои зеринро фаро гирифт: а) забони адабии тоҷик; б) тасҳеҳ ба алифбои лотинӣ; в) дар бораи имлои нави тоҷикӣ; г) масъалаи алифбои шуғнонӣ.

Ба ин масъалаҳо А.Муҳиддинов, Е.Э.Бертелс, О.Сухарева низ таваҷҷӯҳ зоҳир карданд. Дар ин маврид пешниҳоди А.Муҳиддинов басо ҷолиб буд: «Ба ақидаи мо барои ба вуҷуд овардани забони адабӣ лаҳҷаи як ҷойро чун асос шинохтан даркор нест, беҳтар аст, ки мо асосҳои назарӣ ва амалиро муайян кунем. Лаҳҷаи кадом ҷой, ки ба асосҳои мо мувофиқ ва наздик бошад, забони адабии мо низ ба он наздик мешавад.

Мақсади мо ба вуҷуд овардани забони адабии маҳаллӣ нест. Бояд мо як забони адабӣ ба вуҷуд оварем, ки фаҳмиданаш барои ҳамаи тоҷикзабонони шӯроӣ осон бошад. Забоне, ки барои оммаи мо фаҳмиданаш осон бошад, он забон барои мардуми порсигӯйи Эрон ва Афғонистон ва Ҳиндустон ҳамчун забони адабии умумӣ пазируфта хоҳад шуд» (4, с. 23).

Чунонки профессор Т.Ваҳҳобов менависад: «Устод Садриддин Айнӣ бартарияти забони кӯҳистони тоҷикро махсус таъкид намуда, пешниҳод мекунад, ки забони кӯҳистони тоҷик ба ҳайси забони китобҳои мактабии тоҷикон пазируфта шавад, зеро:

а) «забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода»;

б) «аз такаллуфоти эронӣ холӣ»;

в) «ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта»;

г) «ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст»;

ғ) «…дар талаффуз назар ба забони форсиёни шаҳрӣ қадаре ғализӣ дорад»;

д) «Мааззолик соф ва мувофиқи қоида аст».

Чунин забон «аз Фалғар – Мастчоҳ гирифта то Қаротегин а Дарвоз маъмул ва ҳамафаҳм аст» ва «…бояд забони китобҳои мактабии тоҷикон забони форсии сода бошад» (3, 101-102).

Бо ҳамин гуна баҳсу мунозироти зиёд ҷараёни як марҳалаи сохтмони забони адабии тоҷикӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро анҷом дода, барои идомаи равнақи он вазифагузорӣ менамояд. Дар анҷуман масъалаи навиштани луғатҳову фарҳангномаҳо, таҳияи имло, ташкили кумитаи луғат ва истилоҳ, омӯзишу ҷамъоварии лаҳҷаву шеваҳо ба миён гузошта шуд. Маҷмӯи ин мабоҳисро соли 1930 муҳаққиқи маъруф Раҳим Ҳошим дар китоби «Забони адабии тоҷик» гирд овард (10). Ин фаъолиятҳои густурда роҳи минбаъдаи тараққии забони тоҷикиро дар доираи ҳокимияти шӯравӣ нишон дод ва то ҷое ҳамвор кард.

Ба ибораи дигар, забони тоҷикӣ мақоми сиёсӣ ва иҷтимоиву таърихии худро баъди ҳодисаҳои нобасомони даҳсолаҳои ибтидои асри XX дубора дар муҳити умумииттифоқӣ барқарор намуд.

***Калидвожаҳо:*** *забони тоҷикӣ, лотиникунии алифбо, пантуркизм, Аморати Бухоро, ҷавонбухориён, ҷадидон, Ҷумҳурии халқии шӯравии Бухоро*

***Пайнавишт:***

1. *Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро / С.Айнӣ. –Душанбе: Адиб,1987.-240 с.*
2. *Бухороӣ, Муҳаммадҷони Шакурӣ. Равшангари бузург / С.Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.*
3. *Ваҳҳобов, Т. Ҷанбаҳои сотсиолингвистии рушди забони тоҷикии адабӣ (солҳои 20-30 асри XX). Китоби 1. Баҳс дар атрофи забони тоҷикии адабӣ дар солҳои 20-30 / Т.Ваҳҳобов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 216 с.*
4. *Дарси хештаншиносӣ: Маҷмӯи мақолаҳо / Мураттиб А.Маҳмадназар. Муҳаррир Қодири Рустам. - Душанбе: Ирфон, 1989.-272 с.*
5. *Дарси хештаншиносӣ: Маҷмӯи мақолаҳо / Мураттиб А.Маҳмадназар. Муҳаррир Қодири Рустам. Дафтари дуюм.- Душанбе: Ирфон, 1990.- 400 с.*
6. *Забони тоҷикӣ бар мабнои мубоҳисаҳо: Маҷмӯаи мақолаҳои солҳои 20-ум. / Тартибдиҳандагон А.Набавӣ, Н.Одинаев, П.Олимова. Зери назари акад. М. Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 720 с.*
7. *Набавӣ, А. Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 садаи XX / А.Набавӣ. -Душанбе: Ирфон, 2004.-314 с.*
8. *Турсунов Н. Таърихи тоҷикон / Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо ва донишкадаҳои олӣ / Н.Турсунов. – Хуҷанд: Р.Ҷалил, 2001. – 788 с.*
9. *Ҳотамов, Н. Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри X1X то соли 1924. Нашри дуюм бо тасҳеҳу такмил ва иловаҳо / Н.Ҳотамов. – Душанбе: Эр-граф, 2007. – 368 с.*
10. *Ҳошим, Р. Ба мо забони оммафаҳм даркор аст / Забони адабии тоҷик (Маҷмӯаи мақола ва материалҳо) Р.Ҳошим. –Сталинобод: Нашри тоҷик, 1930.–С.81-96.*

***Reference Literature:***

1. *Aini, Sadriddin. The History of Bukhara Revolution. –Dushanbe: Adib, 1987. -240 pp.*
2. *Bukhoroi M. Sh. Great Enlightener. –Dushanbe: Adib, 2006. – 340 pp.*
3. *Vahobbov T. Sociolinguistic Aspect of the Development of the Standard Tajik language (the 20-ieth – the 30- ies). –Khujand: Nuri Marifat, 2005. – 216 pp.*
4. *Self-Education. Collective scientific articles. Compiler: A. Makhmadnazar. Editor: Kodiri Rustam. –Dushanbe: Irfon 1989 – 272 pp.*
5. *Self-Education. Collective scientific articles. Compiler: A. Makhmadnazar. Editor: Kodiri Rustam. –Dushanbe: Irfon, 1990. – 400 pp.*
6. *Tajik Language in Discussion. The set of articles. Compilers: A.Nabari, N.Odinaev, P.Olimov. Under the editorship of academician Muhammadjon Shakurii Bukhoroi. Editor: Abdukholiq Nabavi. – Dushanbe:Irfon, 2007. -720 pp.*
7. *Nabavi A. Narzulloi Bektosh and Tajik Literature in the 20-ieth – the 30-ieth of the XX-th century. –Dushanbe: Irfon, 2004. – 314 pp.*
8. *Tursunov N.O. The History of the Tajiks. The book for the students of the Institutes and Universities. –Khujand: Rahim Jalil printing-house, 2001. – 788 pp.*
9. *Hotamov N. The History of the Tajik People(from the 60 ieth of the XIX-th century up to 1924. The 2-nd edition. Revised and enlarged. -Dushanbe. Er-graf, 2007 – 368 pp.*
10. *Hoshim R. We Need Clear Language» // Standard Tajik Language. (A set of articles and materials) – Stalinabad: Nashri Tojik, 1981. -96 pp.*